# ХУЛОСАИ

комиссия экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КО-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна дар мавзуи: "Хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он", ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст

1. Муносибати зӯроварона дар оила ва тадбиқи зӯроварӣ дар оила, падидаи ғайриҷамъияӣ ба ҳисоб рафта, оқибатҳои манфиро ба бор оварданаш имкон дорад, ки дар натиҷа таъсири онро дар тамоми самтҳо мушоҳида намудан мумкин аст. Зӯроварӣ қобилияти иродаи шахсро коста намуда, мафҳуми шахсияти комилро аз байн мебарад, он аксаран ба ҳаёти инсон тағйиротҳои куллиро ворид намуда, муошрати муқарарии одамон ва асосҳои маънавии ҷамъиятиро вайрон мекунад. Ҳамзамон қобилияти таъсири манфӣ расонидан, ба рушди иқтисодӣ, афзоиши некуаҳволии моддӣ ва маънавии иҷтимоиро доро аст. Ба истиқлолияти миллӣ ва муносибатҳои байни давлатҳо низ таҳдид мерасонад . Эҳсоси хатар намудан дар оила, тарс аз аъзои оила ё шахси наздики худ, ҳамзамон мавҷудияти ноамнии худу фарзандон дар оила, ин натиҷаи тадбиқи зӯроварӣ аз ҷониби аъзои дигари оила буда метавонад, ки сабаби ранҷу машақати инсон гардида, уро аз зиндагӣ дилсард намуда, дар замина ин кирдори номатлуб хашм, асабоният, қасосгирӣ, нобовариро ба вуҷуд меорад ва ба занон, ноболиғон ва кудаки аъзои оила таъсири манфӣ мерасонад .

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки зӯроварӣ дар оила дар ҳаёти рӯзмарраи мардуми Тоҷикистон зиёд гардида, ин раванд дар самтҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъиятӣ рӯ ба афзоиш дорад. Аз таҳлили маълумотҳои оморӣ бармеояд, ки дар Тоҷикистон ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила солҳои охир афзоиш ёфтааст. Барои рафъи ин мушкилот ва пешгирӣ кардани ин навъи ҷиноятҳо бояд таъсири огоҳӣ дар онҳо зиёдтар карда шавад, омилҳои бавуҷудорандаи ҷиноятҷорӣ дар муносибатҳои оилавӣ ва маишӣ таҳти назорати ҷиддӣ қарор дода шаванд. Яъне, дар ҷомеа масъалаи таъмини амнияти оила ва ҳифзи он нисбат ба таҳдид ва зӯроварии ҷиноятҷорона муҳимтар арзёбӣ гардад.

Ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила ва хавфи онҳо, на танҳо дар расонидани зарари дараҷаи гуногун ба саломатии инсон зоҳир мегарданд, балки сабаби аз ҳаёт маҳрум намудани шахс низ гардида метавонад, ки аломати хавфи иҷтимоӣ доштани ин кирдорро нишон медиҳад. Зиёд гардидани кирдорҳои зӯроварона дар оила, боиси аз байн рафтани оила-ҳамчун ячейкаи асосӣ ва бунёди он дар ҷомеа мегарданд. Ин раванд, оиларо ҳамчун бунёди асосии ҷомеа аз байн бурда, ба ҷанбаҳои ахлоқӣ зарари манфӣ ва такони ҷиддӣ мерасонад. Таъсири тадбиқи зӯроварӣ дар оиларо мо метавонем дар рафтори ноболиғон ва кудакон комилан мушоҳида намоем. Яъне оқибати онро ба аъзои ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила осебпазир ва рӯҳафтодакунанда метавон арзёбӣ намуд. Дар маҷмуъ, зӯроварӣ дар оила, сабаби сабаби инкишоф ёфтани ҷинояткорӣ гардида, ба ҳамдигарфаҳмӣ, таҳким ва рушди муносибатҳои мусбати иҷтимоӣ халал мерасонад. Дар оилаҳое, ки дар онҳо зӯроварӣ дар ҳаёти ҳаррӯза, ҳамчун ҳалли мушкилот, ба амали муқарарӣ мубадал ёфтааст, дар оянда боиси он мегардад, ки ин амал доирааш васеъ гардида ба як роҳи муқарраории ҳалли низоҳои пайдогардида, барои тамоми табақаҳо ва гурӯҳҳои аҳолӣ табдил меёбад. Ин раванд, умуман, ҳаёти ҷамъиятиро вайрон карда, ба амнияти миллӣ хавфи воқеӣ дорад. Ҳамин аст, ки бо мақсади андешидани чораҳои мушаххас, дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд гардидааст: «...Бо вуҷуди дастгирӣ аз ҳуқуқу манфиатҳои занону ҷавонон дар ин самт проблемаҳои ҳалталаб ҳанӯз зиёданд… Бояд гуфт, ки масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд, омода кардани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила аз ҷумлаи проблемаҳое мебошанд, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунад».

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12 00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз

рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, № 16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 1 монография, 13 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Ғафорова Ш.А. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarda шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Ғафорова Ш.А. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61 Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна дар мавзуи: “Хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он”, ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

– Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон;

– Қурбонзода Беҳруз Шариф – ёрдамчии прокурори шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия – Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рузи ҳимоя 09 декабри соли 2023 соати 10.00. таъин карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ Сафарзода А.И.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
аъзои Шурои диссертатсионӣ Азиззода У.А.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва
назорати прокурорӣ
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Ҷалолов Х.Ғ.

30.09.23.